Точикистони тозаистиклол аз рӯзхои нахустини касб намудани мустакилият тахти рохбарии Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомали Рахмон, бахри таъмини амнияти халку давлат ва хифзи ормонхои чандинасраи мардум, яъне Истиклолият ба ташкилу такмили кудрати дифоии мамлакат диккати махсус равона карда, бидуни хеч як заминаи моддиву техникӣ дар чои холӣ ва аз сифр Артиши миллии худро таъсис дод. Хамин тарик, 18-уми декабри соли 1992 бо Карори Раёсати Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон Куввахои Мусаллах ташкил карда шуд. Ва 23-юми феврали соли 1993 дар майдони «Дӯстӣ»-и пойтахт нахустин паради чузъу томхои гарнизони Душанбе доир гардид, ки он рӯз расман санаи таъсисёбии Куввахои Мусаллах эълон карда шуд.

Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон замоне ташкил карда шуд, ки мунокишахои сиёсӣ дар минтакахои гуногуни кишвар идома доштанд. Новобаста аз вазъи сиёсии давр дар огози фаъолияти Артиши миллӣ, хамчун масоили мухиму саривактӣ аз чониби раиси Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ рахмон ба ташкили заминахои моддиву маишӣ, бунёди кисму вохидхои низомии таъиноташон гуногун, пуррагардонии сафхои чузъу томи Артиш бо чавонони сохибамалакаву дорои маълумоти олии касбӣ, азнавсози сохтори ташкиливу штатӣ ва амсоли ин диккати махсус равона карда мешуд. Ин аст, ки аввалин кисмои харбӣ дар заминаи фронти халкӣ ташкил карда шуда, дар он рӯзхо нахустин навъи Куввахои Мусаллах-Куввахои харбӣ-хавоӣ ва сипас, Кӯшунхои хушкигард низ таъсис ёфтанд. Хамин тавр, бо амали намудани хадафхо дар самтхои мухталиф дар як муддати кӯтох Вазорати мудофиа хамчун як нерӯи кудратманду тавоноӣ Артиш гардид. Аз ин рӯ, вобаста ба заминахои бунёдӣ ва таъсиси Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон хаминро бояд зикр кард, ки ин хама дар холе сурат мегирифт, ки вазъият хамоно дар мамлакат нооpом бокӣ мемонд. Зеро, ба сиёсати сулхчӯёнаи Рохбарияти давлат на хама гурӯххои сиёсӣ розӣ буданд.

Дар он солхои вазнину хассос хамохангардонӣ, идоракунии фаъолияти якчояи сохторхои харбӣ ва ташкили амалиёти дастачамъӣ зарурияти дар Артиши миллӣ таъсиси ситоди муштараки низомӣ, яъне Сарситодро пеш овард. Вобаста ба ин, 26-уми августи соли 1994 аз чониби Шӯрои Вазирони Чумхурии Точикистон масъалаи сохтори Вазорати мудофиа бори дигар дида баромада шуда, бо назардошти шароити кунунӣ Сарситоди Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон таъсис дода шуд. Огози фаъолияти ин ниход, ки ба рӯзхои таърихии кабули Конститутсия, тасдики рамзхои давлатӣ, талошхои Раиси Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон бахри поягузорӣ ва ба даст овардани сулхи точикон рост омада буд, чихати ичрои вазифахои пешбинишуда, омодагӣ мегирифт. Махз, бо бардошти амик ва андӯхти тачриба аз он рӯзхо, Ситоди генералии Куввахои мусаллах ба як сохтори мукаммали идоракунандаи фаъолияти харбӣ ва амалиётхои чангӣ табдил ёфтааст.

Хайати рохбарикунандаи Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро сардори Ситоди генералӣ-муовини якуми вазири мудофиа, муовинони ӯ ва сардорони бархе аз раёсатхои тобеи Ситоди генералӣ ташкил медиханд, ки фаъолияти ин ниход дар доираи Конститутсия, конунхо ва дигар санадхои меъёрӣ-хукукии амалкунандаи чумхурӣ дар сохаи низомӣ, фармону дастурхои Президенти Чумхурии Точикистон ва мукаррарот оид ба Ситоди генералии Куввахои Мусаллах ба рох монда шудааст. То солхои 2016 масъулияти идора намудани Сарситод ва Ситоди генералиро полковник Валерий Уянаев, генерал майор Никалай Шербатов, генерал майор Содик Бобочонов, Зуфар Файзиев, Рамил Нодиров ва Зариф Шарифзода бар ӯхда доштанд. Дар холи хозир ин вазифаи пурмасъулу калидии Артиши миллиро, генерал майор Эмомалӣ Собирзода бар ӯхда дошта, дар химояи марзу бум ва ба чо овардани рисолати касбии худ кадамхои устувор мегузоранд.

Ин сохтори пурнуфузи харбиро раёсату шуъбахои махсус ва вохидхои низомиии марбути он ташкил дода, давраи аз Сарситод ба Ситоди генералӣ табдили ном кардан дар сохтори ташкиливу штатӣ ва шакли идоракнии кӯшунхои он низ тагйироту тахаввулоти чадид ба амал омад, ки чихати пешбурди хизмати харбӣ дар самтхои мухталиф таъсири мухим гузошт. Аз ин рӯ, дахсолаи 2-юми фаъолияти Артиши миллиро, давраи ислохоти низомӣ дар мамлакати тозаистиклоли мо ном бурдан мумкин аст. Зеро дар баробари таъсису азнавсозии кисму вохихои низомӣ, инчунин дар Куввахои Мусаллахи мамлакат соли 2003-юм аз хисоби десантчиён, тирандозони кухӣ ва дигар чузъу томхои таъиноти махсус, Кӯшунхои зудамал ташкил карда шуд. Илова бар ин, соли 2005-ум бо назардошти хадафу вазифахои ягона Куввахои харбӣ-хавоӣ ва мудофиаи зиддихавоӣ муттахид гардонида шуданд. Ва албатта, пешбурду назорати доимии ин гуна омодагихо ва ширкати хамаи навъхои кӯшуну сохторхои мухталифи харбӣ дар амалиётхоро масъулини Ситоди генералии Куввахои Мусаллах бар ӯхда доранд, ки ба истилох онхо Сарлашкарони Артиш дар замони худ мебошанд.

Соли равон аз таъсисёбии Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, ки он соли 2007 дар заминаи Сарситод ташкил ёфтааст 10 сол пур гардид. Хайати шахсии Вазорати мудофиа бо рӯхияи баланди хизматӣ аз солгарди ин санаи мухим тачлил менамоянд. Дар вокеъ, ин чашнвора аз 10-соли рушду нумӯъ, таквияти хамкорихои самарбахш дар самти тахкиму таквияти иктидори мудофиавии мамлакат, ба кор чалб гардидани мутахассисони касбӣ, васеъ гардидани доираи корӣ бо рохи ислохоти кадриву тагйироти штатӣ ва амалӣ гардидани хадафхои монанд ба ин дарак медихад, ки он барои хизматчиёни харбии Артиши миллии кишвар боиси пешрафти кор ва ноил гардидан ба натичахои назаррас дар ин самт гардидааст. Вобаста ба ин мухимият, истикбол ва самимона чашн гирифтани 10-солагии Ситоди генералии Куввахои Мусаллах  барои хайати шахсии Вазорати мудофиа ва дар мачмӯъ Куввахои Мусаллах мояи ифтихор асту сарфарозӣ.

Тибки накша-чорабинихои Ситоди генералии Куввахои Мусаллах чузъу томхои Вазорати мудофиа ва дигар сохторхои низомии кишвар сатхи тайёрии касбӣ ва омодагии чангии хайати шахсии худро бо рохи тачрибаомӯзӣ аз хамдигар, дар машкхои муштараки харбии дохил ва хорич доимо тавият мебахшад. Дар ин раванд масъулини Ситоди генералии Куввахои Мусаллах вазифаи рохандозӣ намудани фаъолити бехатарии коллективӣ, танзим ва назорати амалиётхои якчояи харбиро бар ӯхда доранд. Бо натичагирӣ аз фаъолияти Ситоди генералии Куввахои Мусаллах ва дар мачмӯъ Вазорати мудофиаи мамлакат дар ин самт зикр кардан ба маврид аст, ки давоми 5 соли охир, яъне аз соли 2012 то соли 2016 чандин машкхои муштараки амалиётӣ-тактикии Кӯшунхои гарнизонхои Хатлон, Хоруг, Сугд ва нохияхои тобеи чумхурӣ бо чалби хизматчиёни харбии чузъу томхои минтакахои зикргардида, куввахои эхтиётии дар кайди комиссариатхои харбӣ буда, бо тирпарронии чангӣ аз навъхои силоху мухимот, техникахои вазнини харбӣ ва авиатсияхои чангӣ гузаронида шудааст. Боиси каноатмандист, ки дар заминаи донишхои баланди касбӣ ва тачрибаи кофӣ, имрӯз бо назардошти вазъи харбӣ-сиёсӣ ва шароити кунунии Куввахои Мусаллах, зимни баргузории чунин машкхои таълимиву тачрибавӣ пайваста унсурхои мухталифи зиддитеррористӣ зам карда мешаванд, ки албатта он бо нерӯи хайати афсарону сарбозони иштирокчии тамринхо ва бо истифода аз кувваву воситахои хозиразамони чангӣ амалӣ мегардад.

Хамчунин, дар самти сиёсати хоричӣ ва анчоми корхои муштарак дар доираи чанде аз Созмонхи байналмиллалӣ бояд кайд кард, ки дар асоси Накшаи чорабинихои муштараки фаврӣ хамасола бо чалби кувва ва воситахои Созмони Ахдномаи Амнияти Дастачамъӣ, машкхои муштараки фармондехӣ-ситодӣ ва чамъомадхои амалиётӣ бо контингентхои харбии Куввахои дастачамъии вокуниши фаврӣ тахти унвони «хамкорӣ», тамринхои муштараки Марз, Бародарии шикастнопазир ва ба ин монанд гузаронида мешаванд, ки сахми Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон бисёр хам назаррас мебошад.

Соли 2015 дар Чумхурии Точикистон бори нахуст машкхои муштарак оид ба санчиши ногахонии чузъу томхои вокуниши фаврии Созмони Ахдномаи Амнияти Дастачамъӣ ва соли 2016 бошад машкхои муштарак бо кувва ва воситахои разведкаи давлатхо-аъзони ин созмон доир шуд, ки ташкилу баргузории он аз чониби коршиносони сатхи байналмиллалӣ сазовори бахои баланд гардид.

Умуман, кайд кардан зарур аст, ки ин гуна машкхои муштарки низомӣ давоми 5-соли охир дар доираи хамкорихои харбии Куввахои Мусаллахи Чумхурихои узви Иттиходи Давлатхои Мустакил 4 маротиба, Созмони Хамкории Шанхай 5 маротиба, Атлантикаи Шимолӣ 14 маротиба ва як машкхои муштараки дучонибаи Куввахои Мусаллахи Федератсияи Россия ва Чумхурии Точикистон хар яке дар тамрингоххои худуди ин

кишвархо доир гардидааст.

Дар вокеъ, баланд бардоштани тайёрии чангӣ, омодагии амлиётии навъхои кӯшуни Артиши миллӣ, чузъу томхои пиёданизом, куввахои зудамалу таъиноташон махсус, техникахои вазнин, авиатсияхои чангӣ ва пеш аз хама махорати касбии хизматчиёни харбӣ дар самтхои марбут ба фаъолияти Ситоди генералӣ хамчун хадафхои саривактӣ тахти таваччӯхи хамешагии Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон карор дошта, дар ин замина чихати пурзур намудани амнияти халку иктидори мудофиавии мамлакат корхои мушаххас амалӣ карда мешаванд.

Масъалахои вобаста ба пуррагардони чузъу томхои Куввахои Мусаллах ва сохторхои кудратии мамлакат бо ташкили накша-чорабинихо аз тарафи зерсохторхои Ситоди генералӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин замина дар баробари даъвату гусели шахрвандон ба хизмати харбӣ, инчунин бо максади бозомӯзӣ, такмили махорати чангӣ ва дар холати зарурӣ саривакт чалб кардани куввахои эхтиётӣ, ташкилу баргузории машгулиятхои омодагии сафарбарӣ ва чамъомадхои гуногуни таълимӣ аз самтхои мухими фаъолияти масъулини Ситоди генералӣ ба хисоб меравад. Ин аст, ки танхо дар соли 2016 беш 100 хазор нафар шахрвандони дар эхтиёт карор дошта, техникахои хочагии халк, наздики 1000 адад техникахои зирехпӯши харбиву артиллерӣ, авиатсияхои чангӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ, ки ба чамъомади мудофиаи худудӣ, машгулиятхои омодагии сафарбарӣ ва машкхои мукаммали низомӣ заруранд, чалб карда шудаанд.

Дар ин замина, фаъолият ва сахми Разведкаи харбии Куввахои Мусаллах низ назаррас мебошад. Зеро хеч як амалиёти чангиро бидуни тачриба дар пешбурди фаъолияти фаврӣ, кашшофиву пешниходи маълумоти дакик, пурранамоии сафхои чузъу томхо бо куввахои зарурӣ, таъминоти хизмати мухандисиву сапёрӣ, риояи талаботи бехатарӣ, системаи идоракунии алока, танку туп, пешгирӣ аз захролудшавӣ, коркарди хуччатхо, хифзи иттилооту махфияти онхо, хамлу накли молу амвол, кувваи зинда ва рӯхияи баланди хизматии хайати шахсӣ пеш бурдан гайримкон аст.

Умуман, накши Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон дар тамоми самтхои хизмати пурмасъули харбӣ самарбахш буда, ин ниходи калидии Артиш зимни доир намудани хама гуна амалиёт дар хамохангӣ бо дигар сохторхи харбӣ, аз чумла чузъу томхои Вазорати мудофиа, Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Гвардияи милӣ, Кушӯнхои дохилии Вазорати корхои дохилӣ, Кумитаи холатхои фавкуллода ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон вазифахои бисёр хам зарурӣ ва хаётан мухимро ичро менамояд. Аз ин рӯ, бо

боварии комил метавон гуфт, ки хайати шахсии сохторхои низомии мамлакат, барои мухофизати хар як вачаб хоки мукаддаси ин сарзамин, арзишхои милливу давлатӣ, музаффариятхои даврони сохибистиклолӣ, ки он хама тахти рохнамоии Пешвои миллат, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон генерали артиш. Эмомалӣ Рахмон ва мардуми шарафманди Точикистон ба даст омадааст, бо савганди садокатманди ба халку Ватан ва сарвари гамхори худ чун гавхараки чашм онро нигахбонӣ менамоянд.